Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзӯи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ

1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсия ва таркибу муҳтавои он ба фаслҳои зерини Шиносномаи номгуйи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ, аз ҷумла бандҳои: 1.2. Тақсимоти ҳудудии захираҳои иқтисодӣ; ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунонии корхонаҳо, фирмаҳои тиҷорати хурду миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои оилавӣ. 1.7. Бозорҳои маҳаллӣ, ташаккул, фаъолият ва алоқамандии онҳо; тиҷорати байниминтақавӣ. Назарияи нави ҷуғрофияи иқтисодӣ. 1.13. Сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ; таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати иқтисодии минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳо. 1.19. Истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисоди минтақаҳо. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Афзалиятҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ. 1.20. Инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва бозорӣ дар минтақаҳо. Принсипҳо, хусусиятҳо ва механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳаҳои ёрирасон дар минтақаҳо мутобиқат мекунад.

2. Мубрамии мавзуи диссертатсия. Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба масъалаҳои мубрами рушди иқтисодиёти минтақавӣ, ташаккули механизмҳои инноватсионии рушди истеҳсолот, истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ, ҷойгиркунии оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ бахшида шудааст. Мазмун ва муҳтавои таҳқиқот ба омӯзиши асосҳои назариявию методии ташаккули механизми рушди

инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, таҳлили вазъи кунунии соҳа дар вилояти Хатлон, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба рушди он ва коркарди самтҳои афзалиятноки такмили механизми мазкур равона гардидааст.

Диссертатсия бо назардошти хусусиятҳои захиравӣ, истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва ҳудудии вилояти Хатлон таҳия гардида, масъалаҳои ҷойгиркунии корхонаҳо, истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва ташаккули муҳити мусоиди инноватсиониро дар бар мегирад.

Мубрамии мавзуи диссертатсия пеш аз ҳама бо зарурати гузариши корхонаҳои истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ ба технологияҳои муосир, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ, коҳиш додани хароҷот ва ташаккули маҳсулоти рақобатпазир муайян карда мешавад. Дар баробари ин, мавҷудияти захираҳои бойи ашёи хоми табиӣ дар минтақаҳои кишвар, аз ҷумла вилояти Хатлон, имкониятҳои васеъро барои рушди минбаъдаи соҳа фароҳам меорад.

Дар баробари имкониятҳои мавҷуда, масъалаҳои вобаста ба фарсудашавии воситаҳои асосӣ, нокифоя будани навсозии технологӣ, истифодаи нопурраи иқтидорҳои истеҳсолӣ, маҳдудияти дастрасӣ ба сармоягузорӣ ва зарурати таҳкими робитаи илм бо истеҳсолот ҳалли пайгиронаро тақозо менамоянд. Аз ин рӯ, ташаккули механизми ҳамгирои рушди инноватсионӣ, ки воситаҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва технологии рушди соҳаро фаро мегирад, аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, мавзуи интихобнамудаи муаллиф мубрам буда, таҳқиқи он аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ асоснок мебошад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили сиёсати саноатии минтақавӣ ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ истифода шаванд.

3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда. Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ коркарди асосҳои илмию назариявӣ ва методии ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа бо дарназардошти шароити иқтисодии вилояти Хатлон мебошад. Барои расидан ба мақсади мазкур муаллиф вазифаҳои мушаххасро вобаста ба омӯзиши асосҳои назариявию методии рушди

инноватсионӣ, муайян намудани аҳаммияти захираҳои маҳаллӣ, арзёбии вазъи соҳа ва таҳияи механизми рушди он пешбинӣ намудааст.

Мазмуни диссертатсия нишон медиҳад, ки гузоришҳои илмӣ ва хулосаҳои муаллиф ба омӯзиши адабиёти ватанию хориҷӣ, таҳлили маълумоти оморӣ, муқоисаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва истифодаи усулҳои таҳлили системавӣ, иқтисодӣ-оморӣ ва иқтисодӣ-риёзӣ такя мекунанд. Чунин равиши таҳқиқотӣ барои муайян намудани хусусиятҳои рушди соҳа, ошкор намудани омилҳои маҳдудкунанда ва асоснок кардани самтҳои афзалиятноки такмили фаъолияти истеҳсолӣ замина фароҳам овардааст.

Аз ҷумла, дар диссертатсия зарурати ҳамгироии омилҳои иқтисодӣ, технологӣ, молиявӣ, ташкилӣ ва институтсионалӣ дар механизми рушди инноватсионии соҳа асоснок карда шудааст. Муаллиф инчунин ба аҳаммияти истифодаи самараноки ашёи хоми маҳаллӣ, ташаккули кластерҳои истеҳсолӣ, густариши ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо корхонаҳо ва такмили идоракунии равандҳои инноватсионӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Истифодаи моделҳои иқтисодӣ-риёзӣ барои пешгӯии рушди истеҳсоли намудҳои асосии масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2027–2035 яке аз ҷанбаҳои муҳими таҳқиқот ба шумор меравад. Мувофиқи маълумоти пешниҳодшуда, барои моделҳои пешгӯии истифодашуда зариби детерминатсия дар ҳудуди $R^2 = 0,926–0,963$ нишон дода шудаанд. Ин натиҷаҳо дараҷаи баланди мувофиқати моделҳоро ба маълумоти мушоҳидашуда инъикос мекунанд.

Дар маҷмуъ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот алоқаманд буда, барои ҳалли масъалаҳои рушди инноватсионии соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ аҳаммияти назариявию амалӣ доранд.

4. Навгонии илмии таҳқиқот ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада. Навгонии илмии диссертатсия пеш аз ҳама дар коркарди равишҳои назариявию методии ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар сатҳи минтақавӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба шароити иқтисодию захиравии вилояти Хатлон ифода меёбад.

Аз мазмуни диссертатсия ва натиҷаҳои пешниҳодшуда якчанд ҷанбаҳои муҳими навгонии илмиро ҷудо кардан мумкин аст.

Якум, асосҳои назариявию методии рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ такмил дода шуда, омилҳои иқтисодӣ, технологӣ, захиравӣ ва институтсионалии ба рушди соҳа таъсиррасон

гурӯҳбандӣ гардидаанд. Равиши маҷмуӣ ба омӯзиши омилҳои мазкур имконият медиҳад, ки рушди соҳа на танҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсолот, балки бо дарназардошти иқтидори технологӣ ва имкониятҳои инноватсионии минтақа арзёбӣ карда шавад.

Дуюм, дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ ва захиравӣ вазъи кунунӣ ва имкониятҳои рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон баррасӣ гардида, маҳдудиятҳои мавҷуда ва самтҳои афзалиятноки истифодаи иқтидорҳои дохилӣ муайян карда шудаанд.

Сеюм, аҳаммияти иқтисодии истифодаи самараноки ашёи хоми маҳаллӣ дар баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот, коҳиш додани харочоти истеҳсолӣ ва маҳдуд намудани вобастагӣ аз воридот асоснок карда шудааст. Ин масъала дар шароити рушди саноати минтақавӣ ва зарурати истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ аҳаммияти хос дорад.

Чорум, механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ пешниҳод гардидааст, ки абзорҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва технологиро дар бар мегирад. Муҳиммияти ин натиҷа дар кӯшиши ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои илмӣ ва сармоягузорон дар доираи як низоми рушди инноватсионӣ ифода меёбад.

Панҷум, бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ дурнамои рушди истеҳсоли намудҳои асосии масолеҳи сохтмонӣ барои солҳои 2027–2035 таҳия гардидааст. Ин натиҷа барои муайян намудани тамоюлҳои эҳтимолии рушди соҳа ва истифодаи онҳо дар раванди банақшагирии минтақавӣ аҳаммияти методӣ дорад.

Саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи маҷмуи усулҳои илмӣ, ҷалби маълумоти оморӣ, муқоисаи нишондиҳандаҳо ва робитаи мантиқии хулосаҳо бо вазифаҳои гузошташуда асоснок карда шудаанд.

5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Аҳаммияти илмии диссертатсия дар такмили асосҳои назариявию методии омӯзиши рушди инноватсионии саноати масолеҳи сохтмонӣ ва муайян намудани хусусиятҳои ташаккули механизми рушди он дар сатҳи минтақавӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои густариши донишҳои илмӣ оид ба иқтисодиёти минтақавӣ, ҷойгиркунии корхонаҳо, истифодаи захираҳои маҳаллӣ ва идоракунии равандҳои инноватсионӣ замина фароҳам оваранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот бо имконияти истифодаи пешниҳодҳои муаллиф дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, сохторҳои идоракунии иқтисодиёти минтақавӣ, корхонаҳои саноатӣ ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ алоқаманд мебошад. Аз ҷумла, механизми пешниҳодшуда метавонад ҳангоми таҳияи барномаҳои соҳавии рушди саноат, муайян намудани самтҳои афзалиятноки навсозии технологӣ, арзёбии иқтидори инноватсионии корхонаҳо ва банақшагирии сармоягузорӣ мавриди истифода қарор гирад.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда метавонад ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ, коҳиш додани хароҷоти истеҳсолот, беҳтар намудани сифати маҳсулот ва таҳкими мавқеи рақобатии корхонаҳои минтақавӣ мусоидат намояд. Истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва рушди истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот низ метавонад барои нигоҳ доштани арзиши иловашуда дар минтақа ва тавсеаи имкониятҳои иқтисодии он мусоидат кунад.

Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия дар имконияти фароҳам овардани замина барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди малакаҳои касбии кормандон, баланд бардоштани талабот ба мутахассисони соҳаи технологияҳои муосир ва таҳкими робитаи муассисаҳои таълимӣ бо истеҳсолот зоҳир мегардад.

Дар баробари ин, тавсияҳои вобаста ба истифодаи технологияҳои энергиясарфакунанда, коркарди партовҳои истеҳсолӣ ва барқарорсозии қитъаҳои аз фаъолияти истихроҷӣ осебдида метавонанд барои коҳиш додани таъсири манфии истеҳсолот ба муҳити зист ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ аҳаммият дошта бошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди саноати вилояти Хатлон, қабули қарорҳои сармоягузорӣ, навсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ, ташкили кластерҳои соҳавӣ ва такмили барномаҳои таълимии самтҳои иқтисодӣ ва муҳандисӣ истифода намуд. Самаранокии воқеии истифодаи онҳо дар асоси натиҷаҳои татбиқи амалӣ ва нишондиҳандаҳои дахлдори иқтисодию иҷтимоӣ арзёбӣ карда мешавад.

6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва асоснокии он. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи асосҳои назариявии иқтисодиёт, усулҳои таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, иқтисодӣ-оморӣ ва иқтисодӣ-риёзӣ, инчунин бо такя ба маълумоти оморӣ ва маводи илмии ватанию хориҷӣ асоснок карда мешавад.

Дар ҷараёни таҳқиқот маълумоти вобаста ба вазъи истеҳсоли масолеҳи сӯхтмонӣ, иқтидори захиравии минтақа ва хусусиятҳои рушди инноватсионии соҳа мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Истифодаи чунин маълумот барои муайян намудани тамоюлҳои рушди истеҳсолот, ошкор намудани омилҳои таъсиррасон ва таҳияи пешниҳодҳои амалӣ замина фароҳам овардааст.

Ҷиҳати дигари муҳими эътимоднокии натиҷаҳо истифодаи моделҳои иқтисодӣ-риёзӣ барои дурнамосозии нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ мебошад. Қиматҳои зариби детерминатсияи пешниҳодшуда аз мувофиқати нисбатан баланди моделҳо ба маълумоти таҳлилшуда шаҳодат медиҳанд.

Дар маҷмуъ, маҷмуи усулҳои истифодашуда ва робитаи натиҷаҳои таҳқиқот бо мақсаду вазифаҳои гузошташуда имконият додаанд, ки муаллиф хулосаҳои илмии худро асоснок намояд.

7. Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқот, тибқи маълумоти пешниҳодшуда, дар интихоби мавзуъ, муайян намудани мақсад ва вазифаҳои илмӣ, таҳияи сохтори диссертатсия, омӯзиши адабиёти соҳавӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти оморӣ, таҳлили вазъи рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон ва коркарди пешниҳодҳои илмӣ ифода меёбад.

Муаллиф асосҳои назариявию методии рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмониро мавриди омӯзиш қарор дода, омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳа ва имкониятҳои истифодаи самараноки ашёи хоми маҳаллиро баррасӣ намудааст. Ҳамзамон, дар диссертатсия механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ пешниҳод гардида, самтҳои афзалиятноки такмили фаъолияти корхонаҳо муайян карда шудаанд.

Саҳми муаллиф инчунин дар истифодаи усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ барои пешгӯии рушди истеҳсоли намудҳои асосии масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2027–2035 ва таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот зоҳир мегардад.

Дар маҷмуъ, маводи пешниҳодшуда барои хулоса баровардан оид ба саҳми мустақили муаллиф дар интихоби самти таҳқиқот, коркарди масъалаҳои илмӣ ва таҳияи пешниҳодҳои амалӣ заминагузоранд.

8. Нашри натиҷаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва мутобиқати онҳо. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ давоми солҳои 2021-2026 дар мақолаҳои илмӣ ва маводи конференсияҳо

инъикос ёфтаанд. Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия 11 кори илмию амалӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои соҳавӣ ва маҷмуаҳои илмӣ нашр намудааст.

Мавзуъ ва муҳтавои интишороти пешниҳодшуда ба самтҳои асосии таҳқиқот, аз ҷумла рушди инноватсионии саноати масолеҳи сохтмонӣ, истифодаи захираҳои маҳаллӣ, такмили механизмҳои идоракунии иқтисодӣ ва пешгӯии рушди истеҳсолот алоқаманд мебошанд.

Илова бар ин, тибқи маълумоти муаллиф, натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ муҳокима гардидаанд. Ин ҳолат барои муҳокимаи натиҷаҳои илмӣ, мубодилаи афкор ва такмили пешниҳодҳои таҳияшуда замина фароҳам овардааст.

Бо дарназардошти маълумоти пешниҳодшуда, метавон қайд намуд, ки натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маводи конференсияҳо инъикосёфта ба талаботи амалкунандаи аттестатсияи илмӣ, аз ҷумла мувофиқат бо мавзуи таҳқиқот, ҳаҷми мақолаҳо, мақоми маҷаллаҳо ва ҳиссаи шахсии муаллиф мутобиқат мекунанд.

9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва мукаммалии он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, феҳристи интишороти илмии довталаб ва замимаҳо иборат мебошад. Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, ҳаҷми умумии кор 210 саҳифаро ташкил дода, рӯйхати адабиёти истифодашуда 180 номгӯйро дар бар мегирад. Дар диссертатсия 27 ҷадвал, 25 расм, 2 диаграмма ва 5 замима оварда шудаанд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши масъала, робитаи он бо барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳои маълумот, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ва саҳми шахсии муаллиф инъикос ёфтаанд. Муаллиф масъалаҳои асосии таҳқиқотро муайян намуда, зарурати таҳияи механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмониро дар шароити иқтисодии вилояти Хатлон асоснок намудааст.

Дар боби якум – «Асосҳои назариявӣ ва раванди ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ» асосҳои

консептуалӣ ва омилҳои рушди соҳа (саҳ.19-36), масъалаҳои назариявию амалии ҷойгиркунии корхонаҳои инноватсионии саноати масолеҳи сохтмонӣ (саҳ.36-45) ва моҳияту самтҳои асосии фаъолияти инноватсионии соҳаи мазкур (саҳ.45-67) баррасӣ шудаанд. Аҳаммияти боби мазкур дар муайян намудани заминаҳои назариявии таҳқиқот ва ташаккули равиши методӣ барои омӯзиши рушди инноватсионии истеҳсолоти саноати масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа ифода меёбад.

Дар боби дуюм – «Вазъи муосири истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва баҳодиҳии рушди инноватсионии соҳа дар вилояти Хатлон» вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (саҳ.68-86), маҷмуи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии иқтидори инноватсионӣ (саҳ.86-107) ва хусусиятҳои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ (саҳ.107-126) мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Боби мазкур барои муайян намудани имкониятҳои иқтисодию захиравии минтақа, ошкор намудани маҳдудиятҳои мавҷуда ва асоснок намудани самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии соҳа дар вилояти Хатлон аҳаммияти муҳим дорад.

Дар боби сеюм – «Такмили механизми рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонии рақобатпазир бо истифодаи ашёи маҳаллӣ» ҳадафҳои асосии стратегияи инноватсионии соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (саҳ.127-143), механизми рушди он дар шароити саноатикунонии босуръат (саҳ.143-162) ва дурнамои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2027–2035 (саҳ.162-180), баррасӣ шудаанд. Истифодаи усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ барои муайян намудани тамоюлҳои эҳтимолии рушди истеҳсолот ва пешниҳоди самтҳои такмили механизми идоракунии рушди инноватсиони саноати масолеҳи сохтмонӣ яке аз ҷанбаҳои муҳимми боби мазкур мебошад.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, истифодаи самараноки ашёи хоми маҳаллӣ, навсозии технологӣ, рушди кластерҳои истеҳсолӣ ва татбиқи принсипҳои иқтисоди «сабз» пешниҳод шудаанд.

Дар маҷмуъ, сохтори диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқат дошта, пайдарҳамии мантиқии таҳлили масъала аз асосҳои назариявӣ ба арзёбии вазъи воқеӣ ва таҳияи пешниҳоду тавсияҳои амалӣ риоя гардидааст. Мазмуни бобҳо робитаи байниҳамдигарӣ дошта, барои ба даст овардани натиҷаҳои дар диссертатсия пешбинишуда замина фароҳам овардаанд.

10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи амалкунанда. Аз рӯйи маълумоти пешниҳодшуда, диссертатсияи Абдуҷабборзода Д.А. дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)» дорои унсурҳои асосии сохтории рисолаи номзадӣ мебошад. Мавҷудияти муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, феҳристи интишороти илмӣ ва замимаҳо ба сохтори маъмулии диссертатсияҳои дараҷаи номзади илм мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсия ҷадвалҳо, расмҳо, диаграммаҳо ва замимаҳо истифода шуда, натиҷаҳои таҳқиқот бо истинод ба сарчашмаҳои илмӣ ва маълумоти оморӣ пешниҳод гардидаанд. Ин унсурҳо барои муаррифии натиҷаҳои таҳлилӣ ва асоснок намудани хулосаҳои илмӣ аҳаммияти назаррас доранд.

11. Мутобиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия. Автореферати диссертатсия бо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқ буда, самтҳои асосии таҳқиқот, муқаррароти назариявию методӣ, натиҷаҳои таҳлилӣ ва хулосаҳои илмии муаллифро ба таври мухтасар ва пайдарпай инъикос менамояд. Дар автореферат мубрамияти мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, навгонии илмӣ, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада, дараҷаи эътимоднокии онҳо ва саҳми шахсии муаллиф ба таври дахлдор инъикос ёфтаанд.

Муқоисаи мазмуни автореферат бо матни диссертатсия нишон медиҳад, ки муқаррароти асосӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшуда бо мазмуни кори диссертатсионӣ мувофиқати комил доранд. Аз ҷумла, масъалаҳои коркарди асосҳои назариявию методии рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, таҳлили вазъи соҳа дар вилояти Хатлон, ташаккули механизми рушди инноватсионӣ ва пешгӯии рушди истеҳсолот барои солҳои 2027–2035 дар ҳар ду ҳуҷҷат бо ҳамоҳангӣ инъикос гардидаанд. Ҳамзамон, мазмуни автореферат моҳияти навгонии илмӣ, аҳаммияти натиҷаҳои бадастомада ва самтҳои асосии истифодаи амалии онҳоро дуруст ифода менамояд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки автореферат ба мазмун ва сохтори мантиқии диссертатсия мутобиқ буда, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти анҷомдодашударо пурра инъикос менамояд. Мазмуни он бо муқаррароти асосии диссертатсия мувофиқ буда, барои шиносоии

мутахассисон ва доираи васеи муҳаққиқон бо моҳият, натиҷаҳо ва аҳаммияти илмии таҳқиқоти мазкур заминаи зарурӣ фароҳам меорад.

12. Эродҳо ва тавсияҳо доир ба диссертатсия. Дар баробари натиҷаҳои мусбати таҳқиқот ва аҳаммияти илмии мавзуи баррасишуда, дар диссертатсия як қатор масъалаҳо мавҷуданд, ки ба назари мо метавонистанд барои мукаммалтар гардидани таҳқиқот мусоидат намоянд.

1. Дар диссертатсия масъалаҳои назариявии рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба таври васеъ баррасӣ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, муқоисаи муфассалтари равишҳои мавҷудаи илмӣ ва равшантар нишон додани фарқияти равиши пешниҳоднамудаи муаллиф аз механизмҳои дар таҳқиқоти қаблӣ коркардшуда метавонист навгонии илмии натиҷаҳоро боз ҳам мушаххастар намояд.

2. Дар боби дуюм маҷмуи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии иқтидори инноватсионии соҳа баррасӣ гардидааст. Бо мақсади баланд бардоштани имконияти истифодаи амалии он, мувофиқи мақсад мебуд, ки аҳаммияти ҳар як нишондиҳанда, тарзи ҳисобкунӣ, вазни нисбӣ ва меъёрҳои гурӯҳбандии сатҳи иқтидори инноватсионӣ муфассалтар шарҳ дода мешуданд.

3. Дар диссертатсия истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ асоснок карда шудааст. Ҳамзамон, арзёбии муқоисавии иқтисодии истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва воридотӣ, аз ҷумла бо назардошти хароҷоти истихроҷ, коркард, интиқол, сарфи энергия ва талаботи экологӣ, метавонист асосноки иқтисодии пешниҳодҳоро боз ҳам тақвият бахшад.

4. Муаллиф дурнамои рушди истеҳсоли намудҳои асосии масолеҳи сохтмониро барои солҳои 2027–2035 бо истифода аз моделҳои трендии полиномиалии дараҷаи дуюм таҳия намудааст. Бо вуҷуди қиматҳои баланди зариби детерминатсия, мувофиқи мақсад мебуд, ки имконияти таъсири омилҳои беруна, аз ҷумла тағйирёбии талаботи бозор, нархи энергия, ҳаҷми сармоягузорӣ, таваррум ва тағйирёбии сиёсати иқтисодиро ба натиҷаҳои пешгӯӣ муфассалтар баррасӣ мекарданд.

5. Дар механизми пешниҳодшуда ҳамоҳангсозии фаъолияти давлат, бахши хусусӣ, муассисаҳои илмӣ ва сармоягузорон мавқеи муҳим дорад. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии татбиқи амалии он, мушаххас намудани масъулияти иштирокчиёни асосӣ, марҳилаҳои татбиқ, сарчашмаҳои маблағгузорӣ, нишондиҳандаҳои мониторинг ва

меъёрҳои арзёбии натиҷаҳои ниҳоӣ метавонист аҳаммияти амалии пешниҳодҳоро боз ҳам афзун намояд.

Эродҳои зикршуда асосан хусусияти тавсиявӣ дошта, ба самтҳои такмили минбаъдаи таҳқиқот дахл мекунанд. Онҳо аҳаммияти масъалаҳои баррасишударо инкор накарда, барои таҳкими асоснокии методӣ ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот равона шудаанд.

13. Хулосаи умумӣ. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Абдуҷабборзода Д.А. дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба яке аз масъалаҳои мубрами иқтисодиёти минтақавӣ – ташаккули механизми самараноки рушди инноватсионии истеҳсолот, истифодаи оқилонаи захираҳои маҳаллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаи саноат дар минтақа бахшида шуда, дорои аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ мебошад. Бо назардошти мазмун, натиҷаҳои бадастомада ва саҳми илмии муаллиф, диссертатсияи мазкур ҳамчун кори илмии мустақилона анҷомёфта арзёбӣ гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ мебошад.

Мукарризи расмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Мудири шуъбаи итисодиёти ҷаҳон
ва муносибатҳои иқтисоди байналхалқии
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Каримова М.Т.**

Имзои М.Т. Каримоваро тасдиқ мекунам:
инспектори калон оид ба кадрҳои Институти
иқтисодиёт ва демографияи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон **Махсутшоева З.Д.**

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. С.Айнӣ 267
Тел: +992 777001959
E-mail: kmavzuna@mail.ru

17.10.2026.